ТАҚРИЗ

ба фишурдаи диссертатсияи Абдусаломзода Абдумалик Маҳмадулло дар мавзуи "Шеъри нав" ва таҳаввули анъанаи манзумасарой (бар мабнои манзумаҳои Нимо Юшиҷ, Сиёвуши Касрой, Суҳроб Сипеҳрӣ ва Аскар Ҳаким)", барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (Ph.D) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D 020900 – Шарқшиносӣ (6D 020900-Адабиёти форс)

Дар замони соҳибистиқлолӣ, таваҷҷуҳи аҳли илм ба таҳқиқи масъалаҳои мубрами илмҳо гуногуног, аз ҷумла адаиётшиносӣ бештар гардид. Дар ин замина, аз ҷониби аҳли илм тадқиқотҳои судманд анҷом меёбанд, ки ҳар яке аз онҳо дар таҳқиқу баррасии мушкилиҳои илми адабиётшиносии тоҷик мавқеи хосса доранд. Пажуҳиши анъанаи манзумасарой, ки аз масъалаи таҳаввулу дигаргунӣ бар асари зуҳури шеъри нав дар манзумасарой ё маснависарой дар адабиёти муосир ба вуҷуд омадааст, аз ҷумлаи масоили муҳим ва мубрами илми адабиётшиносӣ мебошад.

Диссертатсияи Абдусаломзода А.М. дар маҷмуъ ба тахқиқ ва муайян сохтани заминаҳои таҳаввули суннати манзумасарой дар адабиёти муосири Эрон бар мабнои таъсири шеъри нав ва махсусан манзумаҳои навпардозонаи Нимо Юшиҷ бахшида шуда, мавқеъ ва мақоми манзумасароиро дар адабиёт муайян менамояд.

Диссертатсияи Абдусаломзода А.М. зери унвони "Шеъри нав" ва таҳаввули анъанаи манзумасарой (бар мабнои манзумаҳои Нимо Юшиҷ, Сиёвуши Касрой, Суҳроб Сипеҳрӣ, ва Аскар Ҳаким)" ҳам аз нигоҳи мавзуъ ва ҳам аз лиҳози маводи пажуҳишӣ дар раванди адабиётшиносии имрӯз иқдоми назаррасу ҷолиб ва шоиста аст.

Таҳқиқи ҳунари мавзуи шеъри нав ва таҳаввули суннати манзумасарой дар адабиётшиносии муосир метавонад дар омӯхтани дигар масоили алоқаманд ба таҳаввулоти таҳқиқи ҳунари манзумасароии дигар шоирон мусоидат намояд.

Рисолаи мавриди назар, ки аз ҷониби докторант Абдусаломзода А.М. таҳия шудааст, маҳз ба ҳамин мавзуъ бахшида шуда, кӯшиш ва таҳқиқи навбатӣ дар самти нишон додани мавқеъ ва мақоми манзумасарой дар адабиётшиносӣ мебошад. Муаллифи рисола дар доираи се боб ва ҳабдаҳ фаслу зерфасл ба ҳалли илмии мавзуи интихобшуда даст ёфтааст. Дар бобҳои алоҳида ӯ дар пайдоиш ва ташаккули шеъри нави форсӣ, Нимо шоири манзумасаро, жанри маснавӣ ва вижагиҳои он, «Афсона» ва нақши он дар зуҳуру шаклгирии шеъри нав, манзумаи «Мурғи омин», танқиди шеъри муосир, мактаби ҳунарии Нимо ва шеъри муосири тоҷик, жанри маснавӣ ва вижагиҳои он дар адабиёти классик манзумаи «Санги ман алмос»-и А. Ҳаким андешаронӣ намуда, мавқеи илмии худро муайян намудааст.

Муаллиф барои ба қалам кашидани шеъри нав ва таҳаввули анъанаи манзумасарой дар адабиётшиносии форсу тоҷик дар асоси маводи актуалӣ бар сарчашмаҳои муҳаққиқону эроншиносони ватаниву хориҷӣ махсусан пажуҳишҳои назарии Р.Бароҳанӣ, М.Ш. Кадканӣ, К.Обидӣ, А.Зарринкуб, С. Муҳоҷиронӣ, В.Б. Кляшторина, Х. Отахонова, Ш. Ҳусейнзода, Р. Ҳодизода, Р. Амонов, Ш. Раҳмонов, М. Ҳирова бо мавқеъ истифода намудааст. Рисола ҳамчунин бо истифода аз воситаҳои муосири технологияҳои иттилоотӣ - комуникатсионӣ бо тарзу усулҳои муосири илмӣ таҳқиқ гардида, маводи зиёд ва пурқимат барои соҳаҳои гуногуни адабиёт дода метавонад.

Диссертант ба хотири аниқу амиқ дарк гардидани муҳтавои ин ё он масъалаи дар пеш гирифта, ҳар фаслро бо муқаддима оғоз намуда, дар охир онро бо хулосаи хеле муҷази илмӣ ҷамъбаст намудааст.

Аз муҳтавои диссертатсия бармеояд, ки муаллиф бо сабки хуби илмӣ ошно шуда, бо он вазифаҳое, ки дар назди худ гузоштааст, комёб гардидааст. Фишурдаи рисола пурра моҳият ва муҳтавои рисоларо ифода карда, ҳама бобу фаслҳои он тибқи муқаррароти расмӣ, ки аз ҷониби КОА назди Президенти ҶТ муайян шудааст, мураттаб гардидааст.

Рисолаи илмии Абдусаломзода Абдумалик Маҳмадулло таҳти унвони “Шеъри нав” ва таҳаввули анъанаи манзумасарой (бар мабнои манзумаҳои Нимо Юшиҷ, Сиёвуши Касрой, Суҳроб Сипеҳрӣ ва Аскар Ҳаким)” тадқиқоти пурраи анҷомёфта маҳсуб гардида, ҷавобгӯ ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, муаллифи он сазовори соҳиб шудан ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (Ph.D) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D 020900 – Шарқшиносӣ (6D 020900- Адабиёти форс) мебошад.

Мудири кафедраи забони тоҷикӣ
ва ҳуҷҷатнигории Академияи идоракунии
давлатииназди Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон, н.и.ф., дотсент Додихудоев Р.М.

Сана: 16.12.2022
ш. Душанбе, н.Сино, куч. Маяковский/70
(+992) 107000104

Имзои Р.М. Додихудоевро тасдиқ мекунам:

Сардори рёсати кадрҳо, коргузорӣ ва корҳои
махсуси Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳамидов Ш.Б